Суратҷаласаи №8

маҷлиси якҷояи кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

30 марти соли 2022 ш.Кӯлоб

Иштирок карданд: 13 нафар

РӮЗНОМА:

1. Муҳокимаи кори диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05- Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.– Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

ШУНИДА ШУД:

Довталаби дараҷаи илмӣ Саодати Раҳмоналӣ мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсиониашро баён сохт. Ба довталаб саволҳо дода шуд ва довталаб ба онҳо ҷавобҳои мушаххас дод.

Роҳбари илмии довталаб, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Иброҳимов Грез баромад карда, мулоҳиза ва хулосаи худро оид ба довталаб ва кори таҳқиқотиаш изҳор намуд.

Сипас муҳокимаи илмии диссертатсия баргузор шуда, дар муҳокима профессор Иззатова М., дотсентҳо Лоиков П., Даминова А., Ғаффоров А. ва Шарипов Б. ба музокира баромада, андешаҳо ва пешниҳоду эродҳои худро оид ба сатҳи диссертатсия баён карданд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Кори диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)» таҳқиқоти диссертатсионии баанҷомрасида

ҳисобида шавад, ки дар он вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ҳалли худро ёфтанд;

2. Дар номи мавзуи диссертатсия калимаи “ҷавонон” ба калимаҳои “хонондагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” иваз карда шуда, хатоҳои грамматикию имлоӣ ва техникӣ ислоҳ карда шавад;
3. Ба довталаб Саодати Раҳмоналӣ супориш дода шавад, ки дар давоми 1 моҳ ҳамаи камбудиҳои дар рисолаи илмӣ ҷой доштаро ислоҳ намуда, ба кафедра нусхаи ислоҳшудаи рисолаашро пешниҳод намояд.
4. Баъди ислоҳи нуқсу камбудиҳои дар ҷараёни муҳокима баён шуда диссертатсия тибқи муқарарот ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Қарор дар маҷлиси якҷояи кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг ва кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул шудааст.

Раиси маҷлис, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, н.и.п., дотсент — Лоиқов П.Ҷ.

Мудири кафедраи таҳсилоти
томактабӣ ва кори иҷтимоӣ, н.и.п. — Шарипов Б.Ф.

Котиби маҷлис — Ёрматов А.Ҷ.

30.03.2022

Имзои Лоиқов П.Ҷ., Шарипов Б.Ф. ва Ёрматов А.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.